Сафари Гулназар

# Суруд ва мусиқӣ



3

Сафари Гулназар

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

*Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст

Нашри сеюм



Душанбе
Полиграф Групп
2019

ББК 85.31Я72
Г-76

**Г-76** С. Гулназар: **Суруд ва мусиқӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – Душанбе: «Полиграф групп», 2019. 80 саҳ.

## Хонандаи азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

### Истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ISBN 978-99947-804-6-4
Моликияти давлат

© Сафари Гулназар, 2019.
© Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.

# Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Мусиқии Сулаймон Юдаков*

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем,

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту,
канори ту.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

# Сарсухан

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзуояндаи давлат ва ҷомеа даниста, таъкид мекунанд, ки рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллидошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаву эҷодкор вобаста аст.

Аз ин лиҳоз ҳар яки мо омӯзгорони соҳаҳои фарҳангу маориф вазифадорем, ки бештар аз пештар фаъолият намуда, роҳу усул, методҳои таълими дарсҳо, бахусус сатҳ ва дараҷаи дарсҳои суруд ва мусиқиро, ки таблиғкунанда ва дар амал татбиқкунандаи вазифаҳои дар пеш гузоштаашуда мебошанд, баланд бардошта, мундариҷа, сохт ва нақшаву рафти дарсҳои намунавӣ, таълими мавзӯъҳои дарсиро тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба амал баровардани тарбияи ахлоқӣ ва зебоипарастии хонандагонро тибқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монем.

Ҳадафи асосии дарсҳои мусиқӣ, қабл аз ҳама, тарбияи инсон аст. Инсони молики ақлу хиради баланд, ахлоқи ҳамида, виҷдони пок, ғамхору некукор, ватандӯсту сулҳҷӯ, далеру шуҷоъ, ҷавонмарду шикебо (сабркунанда).

Дар синфи 3-юм вазифа ва мақсадҳои дарси мусиқӣ иборат аст аз:

- *дарку фаҳмиши мусиқӣ, ки асоси ҳамаи дигар машғулиятҳо (сурудан, рақсидан, маърифати мусиқӣ пайдо кардан ва ғайраҳо)-ро ташкил медиҳад;*
- *пайдоиши малакаҳои ҳофизӣ (сурудсароӣ), инъикоси суруд ва тобишҳои оҳангии он;*
- *бардоштани донишҳои ибтидоӣ аз маърифати мусиқӣ, ки муносибати бошуурона (на иҷро ва дарки тахминӣ)-и шогирдонро зимни шунидани мусиқӣ, иҷрои суруду ҳаракати мусиқии зарбӣ таъмин менамояд;*
- *шиносоӣ бо адвор (нота), воситаҳои муҳимми ифодаи мусиқӣ (оҳанг, зарб, суръат ва ғайраҳо), созҳои мусиқии халқӣ, суннатҳои аҷдодӣ ва маросими анъанавии ниёгон;*
- *бедор намудани шавқу ҳавас ва муҳаббат ба мусиқӣ, рушду нумӯи дарки зебоӣ ва салиқаи бадеӣ, такомули қобилияти эҷодӣ, тафаккуру тахайюл, хотираву тасаввур;*
- *фаҳмидани алоқамандии мусиқӣ бо табиат, олами ҳайвоноту наботот, зиндагии инсон (шодиву сурур, ғаму андӯҳ ва дигар эҳсосоти муҳимми ӯ) ва ғайраҳо.*

Китоб бо мавзӯъҳои муайян тарҳрезӣ шудааст. Ин ҷиҳати омӯзиши мушаххаси маводи лозима дар вақти муайян мусоидат мекунад.

Дарсҳои мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз бахшҳои шунавонидани мусиқӣ, машқҳои овозӣ, сурудсароӣ, ҳаракати мусиқии зарбӣ ва маърифати мусиқӣ иборат аст. Дар китоби мазкур доир ба ҳамаи бахшҳои зикршуда маводи лозимаро метавон дарёфт.

Машқҳои овозӣ низ бо маводи мушаххас, бо назардошти суруди омӯхташаванда пешкаш карда шудааст. Дар ин ришта аз порчаҳои сурудҳои халқӣ ва нағмаҳои мухталиф истифода бурдан мумкин аст.

Омӯзгорон ба дарсҳои мусиқӣ эҷодкорона муносибат дошта бошанд ва бо он чи ки пешкаш гардид, маҳдуд нашаванд. Асарҳои мусиқӣ (суруду оҳангҳо)-ро бо назардошти мавзӯъ, имкониятҳои овозӣ ва сифатҳои синнусолии шогирдон метавон иваз намуд (дар қисми охири китоб замима шудааст). Муҳим ба ҳадаф расидан аст, на восита.

## Бачаҳои азиз!

Ҳар сол донишҳои шумо дар бораи мусиқӣ меафзояд. Дар давоми солҳои гузашта аллакай байни шумову мусиқӣ дӯстӣ пайдо шуд. Шумо доир ба мусиқӣ маълумоти зиёде ҳосил намудаед: дар бораи созҳои мусиқӣ, асарҳои оҳангсозони касбӣ, ҳофизони халқӣ ва адвор (нота) маълумоти муайян пайдо кардед. Аммо барои амиқ фаҳмидан ва дуруст дарк кардани мусиқӣ, боз бисёр чизҳоро омӯхтан лозим аст.

Ба хубӣ фаҳмидани нозукиҳои мусиқӣ ва донистани он ҳаёти шуморо боз ҳам рангинтару шавқовар мегардонад, шодиву сururатон меафзояд ва оламу одамро хубтар дарк мекунед.

Тавассути ин китоб шумо ба мусиқии халқии тоҷикӣ аз наздик шинос мешавед. Ин мавзӯъ басо шавқовару ҷолиб аст, зеро мусиқии халқии тоҷикӣ таърихи 4500-сола дорад ва дар тӯли асрҳо вобаста ба таърих, шароиту муҳити зист ва ҳаёти мардуми сарзаминамон инкишоф ёфтааст, инчунин мусиқии халқӣ, таърих ва зиндагии мардумро дар худ таҷассум намудааст.

Тавассути ин китоб шумо бо суруду таронаҳо, бо ҳаёту фаъолияти оҳангсозони тоҷик ва табиати зебои кишвари паҳноварамон шинос хоҳед шуд.

# МАКТАБИ МО

*Шеъри Н. Розиқ*

*Мусиқии А. Меликов*



1

Эй мактаби маҳбуби мо,
Озодаву матлуби мо,
Ҳоло зи таътил омадем,
Аз нав ба таҳсил омадем.

2

Мо дар деҳи хуррам будем,
Бо дӯстон ҳамдам будем,
Бо ҷӯраҳо дар кӯҳу дашт,
Кардем агарчи сайругашт.

3

Ту дар хаёли мо будӣ,
Зебову дилоро будӣ,
Оғӯши худ бар мо кушо,
Дорем хеле туҳфаҳо.




Пеш аз шиносоӣ бо суруд оид ба таассуротатон аз таътили тобистона, оғози соли хониш ва меҳру муҳаббати шумо нисбат ба мактабу муаллим суҳбат гузаронидан мувофиқи матлаб аст.

Суруд дар андозаи ҳафт-ҳаштякӣ эҷод шуда, хушоҳанг ва сабук садо медиҳад. Ин суруд аз тарафи шумо бояд бо майлу рағбати тамом қабул гардад, чунки он ифодагари шодиву хурсандӣ ва меҳру муҳаббати шумо нисбат ба мактабу таълимгоҳатон буда, тамоми эҳсосоти ҳар кадоми шуморо аз ин вохӯрии ҳаяҷонбахш, ки бесаброна онро интизорӣ мекашидед, инъикос менамояд.

Лафзи суруд одӣ ва фаҳмо мебошад. Бинобар ин ба шумо лозим аст, ки онро бо хушоҳангиву ҳалимӣ ва бо як меҳри беандоза сароед.

Талаффузи дурусти ҳиҷоҳо муҳим аст. Ба ҳиҷоҳои «бу» ва «лу»-и банди аввали суруд диққат додан зарур аст. Мушкилоти сароидани ин ҳиҷоҳо он аст, ки садоноки «у» ба ду нотаи ҳаштякии бо хатти камон пайваста ва дар охири ҳиҷо бо нотаи ҳаштякии дигар пайвастагӣ дорад, ки мумкин аст ҳангоми сароидан дарознокии овозҳо риоя карда нашавад. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки ҳангоми омӯзиши суруд ба ин қисматҳо диққати махсус диҳед ва онҳоро бо ёрии омӯзгор дар алоҳидагӣ такрор намуда, баъд дар якҷоягӣ сароед.




Диапазони суруд васеъ нест, аз нотаи ***до*** то ***си*** - и октаваи якум буда, дар лаҳни ***ре-минор*** ва андозаи ҳафт-ҳаштякӣ эҷод шудааст. Ба диапазони овози сароиндагии синфи сеюм мувофиқ буда, садодиҳияш хоси оҳангҳои халқӣ мебошад, ки иҷроиши сурудро хеле осон мегардонад.

Сурудро сабук, бидуни кашиш ва бесаросемагӣ иҷро кунед.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

Ба ёд овардани донишҳои маърифати мусиқӣ аз синфҳои 1-ум ва 2-юм. Малакаҳои сурудсароӣ, малакаҳои ибтидоӣ дар бораи қоидаҳои тағаннӣ (сурудхонӣ, таронасароӣ), тарзи дуруст нишастан, нафасгирӣ ва масрафи он, ҳифзи овози сароиндагӣ, муаллифони суруд. Кӣ шеър менависад? Оҳангро кӣ иҷро мекунад? Шунидан ва фарқ кардани садои созҳои мусиқии халқии тоҷикӣ: дутор, рубоб, най, ғижак, инчунин созҳои зарбии мусиқӣ, таблак, нақора ва ҷуфтнақора.

***Аломатҳои динамикӣ*** – дараҷаи баландии садо ҳангоми иҷрои мусиқӣ бо аломатҳои динамикӣ ишора карда мешавад.

Аломатҳои динамикӣ 6 намуд мешаванд: ***pp*** – пианиссимо (хеле паст), ***p*** – пиано (паст), ***mp*** – метсо пиано (начандон паст), ***mf*** – метсо фортэ (начандон баланд), ***f*** – фортэ (баланд), ***ff*** – фортэссимо (хеле баланд).

## МАШҚИ ОВОЗ




### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Овозҳои мусиқӣ (нотаҳо) чандтоянд? Кадомҳо? Номбар кунед.
2. Садоҳои мусиқӣ дар куҷо ҷойгир карда мешаванд? Чаро? Шарҳ диҳед.
3. Суруд ва оҳангҳои дар синфи дуюм аз худ намудаатонро номбар кунед.
4. Сурудҳои дар ёд мондаатонро бо овози нарм, тоза ва бехато замзама кунед.
5. Муаллифони сурудҳои дар синфи дуюм аз худ намудаатонро номбар кунед.
6. Ақидаҳои худро нисбат ба порчаҳои мусиқии хурсандибахш ва ғамангез баён намоед.
7. Аломати **mf** чиро ифода мекунад?
8. Ибораи «Маҳбуби мо»-ро дуруст талаффуз намуда, бо оҳанг сароед.



# ҲАРФЕ, КИ МО МЕХОНЕМ

*Шеъри Г. Келдӣ* — *Мусиқии Ҷ. Обидпур*






1

Ҳарфе, ки мо мехонем,
Ҳарфе, ки мо медонем,
Ҳамеша орад ба ёд
Як нишоне аз ҳаёт.

2

Ҳарфе, ки мо мехонем,
Ҳарфе, ки мо медонем.
Агар ҳарфҳоро донем,
Ҳама дунёро донем.

Ҳарфи О мисли кулча,
Ҳарфи Б ранги дулча,
Ҳарфи С чун дастпона,
Ҳарфи Ш мисли шона,
Ҳарфи В ранги айнак
Ҳарфи Ж чун тортанак.

Бачаҳои азиз, ин суруд кадом лаҳзаи хотирмони ҳаёти шуморо ба ёд меорад?

Ба мазмуни шеър шинос шуда, албатта шумо лаҳзаи ба китоби «Алифбо» хайрбод гуфтани худро ба ёд овардед.

Суруд аз ду қисм иборат буда, сабук ва хотирмон садо медиҳад. Дар қисмати аввали суруд диққатро ба он равона кунед, ки ғолибан ҳама ҳиссаҳои аввали тақтеъҳои суруд бо пауза (аломати хомӯшӣ) оғоз мешаванд. Аз ин рӯ, дар вақти сароидан ба шумо каме мушкилиҳоро пеш меорад.

Тарзи равон ва дурусти иҷрои суруд бо ёрии омӯзгор ин мушкилиҳоро аз байн мебарад.







Мушкилии дигаре, ки ҳангоми омӯзиши суруд ба миён омаданаш аз эҳтимол дур нест, ин гузариш аз қисмати аввал ба қисмати дувуми суруд мебошад (аз андозаи ду чорякӣ ба шашҳаштякӣ). Яъне агар қисмати аввал бо мулоимӣ ва оромона иҷро гардад, пас қисмати дувум тез ва хушҳолона садо дода, хусусияти оҳанги рақсиро мегирад. Дар ин маврид шумо ба ваҷд омада, ба ҳиссиёти аз ҳад зиёд роҳ надиҳед, чунки мумкин аст, ки ин дар навбати худ ба омӯзиши дурусти суруд халал расонад.




Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки ҳангоми омӯзиш аз рӯйи ин қисмат оромона ва беҳаяҷони аз ҳад зиёд сурудро сароида, ба иҷрои бехатои он аз тарафи омӯзгор бодиққат гӯш диҳед.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

***Пауза (таваққуф)*** – ин аломати хомӯшӣ дар мусиқӣ мебошад. Паузаҳо ба мисли нотаҳо дарознокӣ доранд.

Пурра, нимпурра, чорякӣ, ҳаштякӣ ва ҳоказо.

Паузаи пурра ба 1-и, 2-и, 3-и, 4-и шуморида мешавад.

Паузаи нисфӣ ба 1-и, 2-и шуморида мешавад.

Паузаи чорякӣ ба 1-и шуморида мешавад.

Паузаи ҳаштякӣ ба 1 шуморида мешавад.




## МАШҚИ ОВОЗ




### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Дар бораи муаллифони матн ва оҳанги суруди «Ҳарфе, ки мо мехонем» маълумот диҳед.
2. Пауза (таваққуф) чист? Паузаҳо (таваққуф) чанд намуд мешаванд?
3. Тарзи навишти паузаҳо ва мутобиқати тамдиди онҳоро шарҳ диҳед.
4. Ҷойгиршавии нотаи «**сол**»-ро дар хатҳои нотагоҳ тасвир намоед.

# МУАЛЛИМ

*Шеъри М. Мирзоев*

*Мусиқии Н. Бобокалонова*

Allegretto (Хушҳолона)



| 1 | 2 |
|---|---|
| Номи ту бошад | Илму адабро |
| Вирди забонҳо. | Аз ту андӯзем. |
| Зи ту гирад илм | Одамгариро |
| Ҳар фарди дунё. | Аз ту омӯзем. |
| Бе ту надорад | Бе ту надорад |
| Ҳеҷ ранге рӯзгор. | Нуре дабистон. |
| Раҳомӯзи мо | Номи ту бошад |
| Ҳастӣ омӯзгор. | Баробари ҷон. |

Суруди «Муаллим» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ, сози ***фа-мажор*** бо суръати хушҳолона эҷод шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи он бо оҳанг пурра мувофиқат мекунад, яъне ҳам сухан ва ҳам мусиқӣ характери хоси ин сурудро инъикос мекунанд. Суруд меҳру муҳаббати беандозаи шогирдро нисбат ба устод – муаллим таҷассум намуда, арзу сипоси онҳоро дар ҷавоб ба меҳнати пурзаҳмату пуршарафи омӯзгор ифода мекунад. Диапазони суруд аз овози ***ре***-и октаваи 1 то ***ре*** октаваи 2 иборат аст.




Дар вақти омӯзиш ба дуруст сароидани он тақтеъҳое, ки дар онҳо нотаҳои чорякӣ бо ҳаштякӣ омадаанд (тақтеъҳои 1, 3, 5 ва ғайра) диққат додан зарур аст. Вақти сароидан ба саросемагӣ роҳ надиҳед, мадид (давомнокӣ)-и дарозии нотаҳои чорякиро риоя кунед.



Ба талаффузи бурро ва пурраи ҳиҷоҳо низ диққат додан зарур аст. Масалан, дар тақтеи 6-уми суруд дар калимаҳои «илм» ҳангоми сароидан садоноки «и» мадид (дароз) шуда, ҳамсадоҳои «л, м» мумкин садо надиҳанд.




Аз болои авҷи суруд (тақтеи 9-ум), ки нотаи ***до*** ва ***ре***-и октаваи дуюм садо медиҳад (мумкин аст ҳангоми сароидан тоза садо надиҳад), бештар кор кардан аз манфиат холӣ нест. Инчунин ҳангоми сароидан ба ҳиҷои «мо» (дар тақтеи 14-ум), ки овоз бо гузариш аз нотаи ***сол*** ба ***ля*** ва боз ба ***сол*** кашиш меёбад, диққат додан зарур аст.







Бинобар ин лозим меояд, ки ин қисмат ва дигар қисматҳои мушкиломӯзи сурудро бо ёрии омӯзгор дар алоҳидагӣ бо қаторҳо такрор кунед.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

**Аломати лига (‿)** – ду ё якчанд нотаҳои баландиашон гуногунро бо ҳам пайваст намуда, иҷрои равон ва мураттаби онҳоро ишора мекунад.

**Нотаҳои нуқтадор (𝅗.)** – нуқтае, ки аз тарафи рости сараки нота гузошта шудааст, мадиди садои ҳамон нотаро ба нисфи дарозиаш зиёд мекунад.



## МАШҚИ ОВОЗ



Ҳур  ҳу - ри ҳур  о -  ма - дӣ,
Аз  ра - ҳи дур  о -  ма - дӣ.

### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Муаллифони матн ва оҳанги суруди «Муаллим»-ро номбар кунед.
2. Аломати лига ( ‿ ) чиро ифода мекунад?
3. Нуқтаҳо дар нота барои чӣ гузошта мешаванд?
4. Тарзи навишти нотаҳои нуқтадор ва мувофиқатии тамдиди онҳоро шарҳ диҳед.
5. Ҷойгиршавии нотаи «**фа**»-ро дар хатҳои нотагоҳ тасвир намоед.
6. Бо ёрии сози мусиқӣ онро тоза сароед.
7. Қаторовози «**фа мажор**»-ро бо ёрии омӯзгор номбар кунед.



# ПУРСИШҲО

*Шеъри Ҷ. Ҳошимӣ* *Мусиқии Ҷ. Обидпур*






1



Бод чаро кӯ ба кӯ
Мевазаду мевазад? } **2 - бор**
Об чаро ҷӯ ба ҷӯ
Мехазаду мехазад? } **2 - бор**

Об чаро каб-кабуд?
Хок чаро сип-сиёҳ? } **2 - бор**
Сурху сафеду бунафш,
Рӯяд аз онҳо гиёҳ? } **- 2 бор**

2

Шамс писар худ чарост?
Зӯҳра чаро духтарак? } **2 - бор**
Аз чӣ надорад Салим,
Додараку хоҳарак? } **2 - бор**

Ҷӯра чаро номи ман?
Додаракам Ҳотам аст? } **2 - бор**
Пурсиши олам зиёд,
Посухи олам кам аст. } **2 - бор**

# Ҷӯрахон Обидпур



Ҷӯрахон Обидпур 20-уми марти соли 1940 дар ноҳияи Мӯъминободи Ҷумҳурии Тоҷикистон зода шудааст. Омӯзгор, навозанда, дирижёр ва композитори тоҷик.

Соли 1960 Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе (ҳозира Коллеҷи санъати ба номи А. Бобоқулов) ва соли 1965 Консерваторияи давлатии шаҳри Тошкандро хатм намудааст.

Ҷ. Обидпур дар инкишофи санъати навозандагии созҳои миллӣ ва тарбия намудани мутахассисони соҳа яке аз устодони варзида мебошад. Ӯ муаллифи китобҳои дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, аз қабили «Дарси рубоб» (1969, 1982), «Чаманоро» (1983), «Савти Борбадӣ» (1990), «Этюдҳои хушоҳанг» (1996), «Гулбонги рубоб» (2000), рисолаи «Шеър оҳанг аст» (2002), маҷмӯаи сурудҳои бачагонаи «Ману тарона» (2005) ва ғайра мебошад.

Ҳамчун оҳангсоз, Ҷ. Обидпур зиёда аз 100 суруд бо ҳамовозии ансамбли созҳои миллӣ, эстрадӣ, ду суитаи овозиву рақсӣ ба шеърҳои Салими Хатлонӣ, ду фантазияву чанд песа барои рубоб ва зиёда аз 50 хору сурудҳои бачагона (барои синни томактабӣ ва мактаббачагон) эҷод намудааст.

Сурудҳои ӯ «Тоҷикистон» (шеъри Ҳ. Қурбонова), «Мапӯшон рӯйро» (шеъри Сайфи Фарғонӣ), «Хобам наомад» (дубайтиҳои М. Шералӣ), «Ишқи ман» (шеъри З. Атоӣ), «Сарвиноз», «Бути тоҷик» (шеърҳои А. Қодирӣ), Эй дил» (дубайтиҳои А. Лоҳутӣ), «Навои тараб» (ғазали Ҳофиз), «Душанбе» (шеъри С. Маъмур) писанди ҳаводорони ин жанр гардидаанд.

Сурудҳои бачагонаи Ҷ. Обидпур қисман дар фонди тиллоии радиои тоҷик сабт шуда, дар консертҳо иҷро мегарданд, ки «Душанбе» (шеъри С. Маъмур), «Вақт» (шеъри Н. Алиева), «Баҳори нозанин» (шеъри Н. Боҳирӣ), «Оби тоза» (шеъри Г. Келдӣ), «Муаллим» (шеъри Н. Розиқ) ва ғайра намунаи онҳост.

Аз соли 1989 узви Иттифоқи композиторони Тоҷикистон, Арбоби ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991), ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин муаллими соли 1999», профессор (2001).

## Инро бояд донист!

Мо бояд донем, ки мусиқӣ ҳамеша фикру эҳсосот, ҳаяҷон ва ҳолати рӯҳии инсонро ифода мекунад. Бинобар ин мусиқиро бодиққат гӯш карда, барои дарки маънои он кӯшиш намудан лозим аст.

Ба кадом жанрҳо мансуб будани мусиқии шунидаро сарфаҳм рафта (аз қабили суруд, марш, рақс), онро ба хотир оварда тавонистан, ном ва номи муаллифи мусиқиро донистан хеле зуруру ҳатмист.

Шинохтан ва фарқ намудани садову созҳои дар мусиқӣ истифодашуда (аз қабили рубоб, най, доира, таблак, дутор, ғижак, фортепиано ва ғайра) яке аз омилҳои муҳимми тарбияи мусиқист.

Мусиқие ки мо гӯш мекунем, дар жанри суруд эҷод шуда, барои бачагони синни хурди мактабӣ равона гардидааст. Суруд дар бораи ҳаёти хушҳолонаву ширини айёми кудакӣ буда, аз олами пурэъҷозу нотакрори ин давр, ки пурсишҳои зиёд ва ҳисси кунҷковона бахри шинохту фаҳмидани муҳити зист, олами набототу ҳайвонот ва ҳодисаҳои ба назари шумо ғайриодиву аҷоиб, ки дар ҳаёти ҳаррӯза мо ба онҳо дучор мешавем, иборат мебошад.

# ЧАРОҒАКИ РАҲНАМО

*Шеъри А. Бобоҷон* *Мусиқии Ш. Шарифов*



1

Чароғаки раҳнамо
Дорад ҳар як гузаргоҳ.
Ҳар се ранги банураш
Ба мо нишон диҳад роҳ! } 2-бор

2

Ранги сурхи чароғак
Гӯяд, ки нашав роҳӣ.
Ранги зардаш аз хатар
Диҳад ба мо огоҳӣ! } 2-бор

3

Ранги сабзи чароғак
Мекушояд ба мо роҳ.
То нашавад фурӯзон
Нагузар аз гузаргоҳ! } 2-бор

4

Шаҳри мо – шаҳри калон
Мошинҳояш бешумор.
Вақти гузаштан аз роҳ
Қоидаро нигоҳ дор! } 2-бор

Суруди «Чароғаки раҳнамо» яке аз сурудҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки ҳар як хонандаи мактаб вазифадор аст онро аз худ намуда, таҳлил карда тавонад.

Дар ин суруд шоир дар бораи ҳар як ранги чароғак (сурх, зард ва сабз), ки ҳамчун роҳнамо ба пиёдагардон огоҳӣ медиҳад, сухан гуфтааст. Ғайр аз ин шумо бояд ҳатман ба қоидаҳои бехатарии роҳ шинос шавед. Чунки мо ба қоидаҳои бехатарии роҳ шинос шуда, аз нохушиҳои дар роҳҳо ба амал меомада, эмин мемонем.

Мусиқии суруд дар суръати «Муътадил», дар сози ***ре-минор*** эҷод шудааст. Суруд аз паузаи ҳаштякӣ оғоз меёбад. Дар тақтеи дуюм ним тон (зина) баланд мешавад. Бояд дар назар дошт, ки суруд баъд аз «бум»-и доира оғоз меёбад.



Навозиш (сарахбор)-и суруд, инчунин бандҳои 1-ум, 2-юм, 3-юм ва 4-уми он ду бор такрор меёбанд. Дар суруд аксар вақт ҷаҳишҳо (терсияи хурд ва квартаи тоза) вомехӯранд, ки ҷиҳати тоза сароидан ба ин нозукиҳо бештар аҳамият бояд дод.




Он лаҳзаҳои ҷаҳише, ки вомехӯранд, ҷаҳишҳои мелодикӣ буда, барои рангин сохтани оҳанги суруд кумак мерасонанд.

Дар қисми 2-юми суруд, яъне бандҳои 3-юм ва 4-ум, ки дар бораи рангҳои чароғак нақл мекунад, дар банди 5-ум яъне «Ранги зардаш» — «Диққат»-ро мефаҳмонад, аз ҷаҳишҳои терсияи хурд ва квартаи тоза огоҳӣ медиҳад.




Дар натиҷаи риояи он нозукиҳое, ки дар боло зикр карда шуд, бо ёрии омӯзгор иҷро намудани суруд мувофиқи мақсад мебошад. Оҳанги суруд сода, фаҳмо ва рӯҳбахш мебошад.



## МАШҚИ ОВОЗ



# МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

## СУРЪАТ

Тарзи суст, муътадил ва тез иҷро шудани асари мусиқиро ***суръат*** меноманд. ***Суръатҳо*** якчанд хел мешаванд суст, муътадил ва тез. ***Суръатҳо*** дар аввали асари мусиқӣ бо ҳарфҳои лотинӣ навишта мешаванд. Мисол ***Moderato*** *(Муътадил),* ***Allegro*** *(Тез),* ***Allegretto*** *(Хушҳолона)* ва ғайра. Таъсири суръат ба оҳанг зиёд аст. Ҳар як оҳанг вобаста ба мазмун ва мундариҷааш бо суръати ба худ хос иҷро карда мешавад.

Хулоса суръат воситаи муҳимми ифодаи асари мусиқӣ мебошад.

### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Дар бораи муаллифони матн ва оҳанги суруди «Чароғаки раҳнамо» чӣ медонед?
2. Маънои рангҳои чароғаки раҳнаморо гуфта диҳед.
3. Суръати мусиқӣ чист?
4. Суръатҳо чанд намуд мешаванд?
5. Тарзи навишти суръатҳо ва ҷойгиршавии онҳоро дар нотагоҳ шарҳ диҳед.
6. Ҷойгиршавии нотаи «**ре**»-ро дар хатҳои нотагоҳ тасвир намоед.
7. Мафҳуми ***Allegro*** чиро ифода мекунад?
8. Овозҳои устувори порчаи мазкурро ёфта диҳед.



## СУРУДРО АЗ ЁД КУНЕД

# ОФТОБАКИ ЗАРРИНРӮ

*Шеъри Н. Розиқ*

*Мусиқии Ҷ. Рустамова*






1

Офтобаки зарринмӯ,
Офтобаки зарринрӯ.
Куҷо рафту куҷо шуд?
Чаро пинҳон зи мо шуд?

2

Ё ҷомаи ӯ тунук, —
Ё ки тарсид аз хунук?
Села-села зи ҳар сӯ,
Абрҳо омад ҷойи ӯ.

3

Пӯстинҳошон афшонданд,
Барфи бисёр боронданд.
Ҳавзу ҷӯбор ях бубаст,
Шохи бед қариб шикаст.

4

Фасли зимистон омад,
Ба ҳавлимон даромад.
Биё, барфбозӣ кунем,
Одамчасозӣ кунем.



Суруд дар андозаи ду-чорякӣ бо суръати муътаъдил эҷод шудааст. Мазмун ва мундариҷаи суруд аз сард шудани ҳаво торафт кам баромадани офтобаки зарринрӯ ва аз омад-омади фасли зимистон дарак медиҳад. Матни суруд дӯст доштани табиат ва эҳсос намудани зебоии ҳар як фасли солро талқин мекунад.

Матн ва оҳанги суруд ба ҳам мувофиқ буда, мазмуни асосӣ ва хусусияти онро пурра таҷассум мекунад. Суруд хушҳолона ва як дараҷа шӯхиомез иҷро карда мешавад. Ҳаракатҳои овозии оҳанг, аслан аз нотаҳои ҳаштякӣ ва ягон-ягон чорякӣ иборат буда, мунтазам ва бомаром аст, ки омӯзиши сурудро то як дараҷа осон мегардонад.

Гуфтан мумкин аст, ки сароидани ин суруд қариб мушкилӣ надорад, фақат ба талаффузи дурусти матн ва сари вақт дуруст нафас гирифтан диққат додан зарур аст. Инчунин ба ҳолати гузариш аз як ибора ба ибораи дигар, аз як ҳиҷо ба ҳиҷои дигар диққат дода, вақти гузариш тасвири зарбии ин қисматҳоро бо қарсак ифода намуда, сароидан зарур аст.




## МАШҚИ ОВОЗ



# ДАРСИ АРЗЁБӢ. ҶАМЪБАСТИ НИМСОЛАИ I
## Дарс-консерт

**А) СУПОРИШҲОИ САНҶИШӢ АЗ МАВЗӮЪҲОИ НИМСОЛАИ I**

1. Сурудҳои дар нимсола омӯхтаатонро номбар кунед.
2. Муаллифони ин сурудҳоро мешиносед?
3. Дар бораи муаллифони матн ва оҳанги суруди «Офтобаки зарринрӯ» маълумот диҳед.
4. Мазмуни суруди «Офтобаки зарринрӯ»-ро гуфта диҳед.
5. Овозҳои устувори порчаи мазкурро ёфта диҳед.




6. Қаторовози «**ре минор**»-ро бо ёрии омӯзгор тоза сароед.
7. Овозҳои устувор ва ноустувори онро номбар кунед.
8. Созҳои мусиқии дар расм бударо номбар кунед.






**Б) БАРНОМАИ КОНСЕРТӢ:**

1. «Мактаби мо» — шеъри Н. Розиқ, мусиқии А. Меликов.
2. «Ҳарфе, ки мо мехонем» — шеъри Г. Келдӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур.
3. «Муаллим» — шеъри М. Мирзоев, мусиқии Н. Бобокалонова.
4. «Пурсишҳо» — шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур.
5. «Чароғаки раҳнамо» — шеъри А. Бобоҷон, мусиқии Ш. Шарифов.
6. «Офтобаки зарринрӯ» — шеъри Н. Розиқ, мусиқии Ҷ. Рустамова.

**СУРУДРО АЗ ЁД КУНЕД**

# ПОЙГА

*Шеъри Ҷ. Ҳошимӣ*

*Мусиқии Ҷ. Обидпур*






1

Ҳай-ҳай саманди зебо,
Ҳай-ҳай даванди зебо.
Мо ҳам ба пойга тозем,
Бо ҳам ба пойга тозем.

*Накарот:*

Чу аспакам, ҳа, чу! Чу!
Чу аспакам, ҳа, чу! Чу! } 2-бор

2

Мо то куҷо битозем?
То марра мо битозем!
Сад асп агар давонад,
Бигзашта кай тавонад?!

*Накарот:*

Чу аспакам, ҳа, чу! Чу!
Чу аспакам, ҳа, чу! Чу! } 2-бор

Суруд дар андозаи шаш-ҳаштякӣ, сози ***ми минор*** бо суръати хушҳолона эҷод шудааст. Дар суруд ҳаёти хушбахтонаи мактабхонӣ, орзуву ҳавасҳои ширини айёми кудакӣ ва меҳру муҳаббати бепоён ба олами ҳайвоноту табиат таҷассум ёфтааст.

Оҳанги суруд пурра ба матн мувофиқат мекунад. Оҳангсоз тавонистааст, ки мазмуну мундариҷаи матнро дар оҳанг тасвир созад. Ҳаракатҳои (давидани саманд) аспак дар ҳар як тақтеъ бо истифода ҳам аз андозаву зарб ва ҳам пайи ҳам садодиҳии нотаҳои ҳаштякӣ (♪) ва чорякӣ (♩) гувоҳи ин гуфтаҳост.




Бинобар ин ба шумо тавсия дода мешавад, ки тамоми маҳорату малакаи худро барои дар амал ҷорӣ намудани мақсаду мароми ҳам шоир ва ҳам оҳангсоз равона созед.

Ҳангоми омӯзиш ба он диққат додан лозим меояд, ки аксари ҳиссаҳои аввали тақтеъҳои суруд бо нотаҳои ҳаштякӣ (♪) ва сипас, бо нотаҳои чорякӣ (♩) садо медиҳанд. Мушкилӣ

дар он аст, ки бояд ҳар як дарозии овозҳо мувофиқи дарозии нишондодашуда садо диҳад, яъне ҳаштяк аз дарозии худ зиёд ва баръакс чоряк аз дарозии худ кам кашиш наёбад. Аз ин лиҳоз ин қисматҳои сурудро бо ёрии омӯзгор такроран омӯзед, то он даме ки ба мақсад ноил гардед. Сипас, ба талаффузи равону дурусти ҳиҷоҳои «ҳа», «чу» диққат додан зарур аст, то ки ҳиҷои «чу» дағал ва гӯшхарош садо надиҳад.




Ҳангоми омӯзиши банди дуюми суруд бинобар шӯх иҷро шудани асар ҳаракат кардан лозим, ки талаффузи бурро, мулоим ва хушоҳанг сароиданро фаромӯш насозед.

Хулоса, суруд бо ваҷд, хурсандона, шӯхиомез ва дар суръати тез иҷро карда мешавад.

## МАШҚИ ОВОЗ




### Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Дар бораи муаллифони матн ва оҳанги суруди «Пойга» маълумот диҳед.
2. Мазмуни суруди «Пойга»-ро гуфта диҳед.
3. Мафҳуми **Allegretto** чиро ифода мекунад?

# ПРАЗДНИК

*(суруди русӣ)*

*Шеъри О. Висотская*

*Мусиқии М. Иорданский*



1

Праздник! Праздник! Как мы рады!
Наконец-то ты пришёл.
Наши гости сели рядом,
Это очень хорошо!

Припев (Нақарот):
Раз-два! Раз-два! Весело шагай.
Раз-два! Раз-два! Громче подпевай!

2

Мы идём, идём с флажком,
Каждый песенку поёт.
Вместе с нами, вместе с нами,
Веселится весь народ.

Припев (Нақарот):
Раз-два! Раз-два! Весело шагай.
Раз-два! Раз-два! Громче подпевай!

Характери оҳанги суруд – марши ҳаётдӯстона ва идона буда, сабук садо дода, хотирмон мебошад. Бисёрии шумо сурудҳои маршмонандро дӯст медоред. Ҳиҷоҳои кӯтоҳ-кӯтоҳи матн ва оҳанг он қадар мушкил набуда, барои тез аз худ намудани оҳанг мувофиқ мебошанд. Ҳангоми омӯзиши суруд диққатро ба садодиҳӣ ва иҷроиши тақтеъҳои 1-уму 2-юм ва 3-юму 4-уми суруд равона кардан лозим аст, чунки баъди пауза (таваққуф)-и чорякӣ сароидани нотаҳои ҳаштякии нуқтадор ва шонздаҳяку баъдан ду нотаи чорякӣ мушкил аст.



Дар қисмати хорӣ-овозии суруд бошад, ба садоҳои дурусти дарознокии овозҳо, (ҷасуронатар нисбат ба сурудҳои мулоими якмаром) нафасгирии саривақтиро (нақарот, дар байни тақтеъҳо таваққуф нест) ташаккул додан лозим аст.




Барои он ки талаффузи ҳиҷоҳои «Раз, два» (дар нақарот) гӯшхарош садо надиҳад, садодиҳӣ ва дарознокии нотаи чорякиро ба пуррагӣ кашиш диҳед.




Суруд дар марши тез, бо суръати хушҳолона ва мулоим иҷро мешавад.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

**А'капелла** – сурудхонии бе ҳамовозии сози мусиқӣ мебошад. Тарзи сурудани **а'капелла** бештар дар хорсароӣ (сурудхонии дастаҷамъӣ) истифода мешавад.

**Марш** – жанри мусиқии созӣ ва овозӣ мебошад, ки дорои зарби аниқ ва рӯҳияи мутантан буда, мувофиқи зарб ва оҳанги он сурудро сароида, қадам мезананд.

Жанри **марш** маъмулан дар гузаштҳои низомӣ ва мусиқии сурудҳои миллӣ истифода мешавад.

## МАШҚИ ОВОЗ





**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. Муаллифони матн ва оҳанги суруди «Праздник»-ро гӯед.
2. Маънои сурудро гуфта диҳед.
3. «**Марш**» чист?
4. Сурудҳои маршии медонистагиатонро сароида, мавзун қадам занед.
5. Сурудсароии «**А’капелла**»-ро шарҳ диҳед.
6. Ҷойгиршавии нотаи «**сол**»-ро дар хатҳои нотагоҳ тасвир намоед.

## СУРУДРО АЗ ЁД КУНЕД

# МОДАР

*Шеъри А. Қодирӣ*

*Мусиқии Т. Айюбов*




1

Азизу меҳрубонам кист? Модар!
Фурӯғи дидагонам кист? Модар!
Забони модарӣ омӯхт бар ман,
Ҳамеша дар забонам кист? Модар!

2

Сафои рӯйи олам Офтоб аст,
Сафои хонадонам кист? Модар!
Маро беҳтар зи ҷон донист умре,
Гиромитар зи ҷонам кист? Модар!

Пеш аз шиносоии аввалин ва омӯзиши суруд дар синф бо ҳамсабақон оид ба муҳаббати бепоён ба Модар ва иди дар пешистодаи онҳо Рӯзи Модарон суҳбат оростан бамаврид аст.

Суруд характери идона дошта, оҳангаш мулоим, идона ва хушоҳанг садо медиҳад. Суруд аз 2 банд иборат буда, арзу сипоси фарзанд ва эҳтироми баландро нисбат ба модар тараннум мекунад. Сарахбори сурудро зарбӣ (доира, таблак) иҷро намудан мувофиқи мақсад буда, шукӯҳи сурудро афзунтар мекунад.

Андозаи суруд аз ҳафт-ҳаштякӣ иборат буда, ҳаракати овозҳо дар оҳанг аз нотаҳои чорякӣ ( ♩ ) ва ҳаштякӣ ( ♪ ) иборат аст, ки барои омӯзиши мақсадноки суруд ёрӣ мерасонад. Диққат кунед, ки баъди сароидани ҳар як мисраъ нафаси чуқур гиред (на ин ки дар байни мисраъҳо), чунки мисраъҳои шеърӣ андак дароз мебошанд. Омӯзиши дуруст ва ба пуррагӣ сароидани нотаҳои қисмати охири ҳар як мисраъ ва талаффузи буррову амиқи онҳо (аз қабили «мо-дар») аз манфиат холӣ нест.




Бо ёрии омӯзгор лозим аст, ки баъди ба пуррагӣ (аз аввал то охир) иҷро намудани суруд ҳар як қисмат (мисраъ)-ро дар алоҳидагӣ, зина ба зина якҷоя омӯзед, ки ин барои сари вақт ва тоза аз худ намудани суруд кӯмак хоҳад кард. Диапазони суруд аз нотаи ***ми***-и октаваи 1 то ***ре***-и октаваи 2 мебошад.



# МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

Шиносоӣ бо аломатҳои алтератсӣ.

Диез — ♯ — овозро ним зина (тон) баланд мекунад.

Бемол — ♭ — овозро ним зина (тон) паст мекунад.

Бекар — ♮ — таъсири ин ҳарду аломатро бекор мекунад.

Чунончи:

Диез —



Ча - ро зи - мо пин - ҳон шуд?

Бемол —



О - ма-дем, аз нав ба таҳ - сил.

Бекар —



Зи-на-ти сад ча-ман.

## МАШҚИ ОВОЗ




Ро - ҳа - ту о - ро - ми мо, Пух - та - га - ри хо - ми - мо.
Хуш зи - ҳӣ бо но - ми мо, Мо-дар-ҷо-нам, Мо-дар-ҷон.



**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. Муаллифони матн ва оҳанги суруди «Модар»-ро номбар кунед.

2. Дар бораи хислатҳои модар нақл кунед.

3. Дар бораи аломатҳои мазкур маълумот диҳед:

а) ♯ ; б) ♭ ; в) ♮ .

4. Мусиқиҳои гӯшкардаатонро маънидод намоед.

5. Дар бораи созҳои мусиқии камонӣ маълумот диҳед.

**СУРУДРО АЗ ЁД КУНЕД**

# НАВРӮЗ

*Шеъри Н. Ҷӯрахонзода* *Мусиқии Ҷ. Обидпур*






**1**

Наврӯзи диёр омад,
Пайғоми баҳор омад,
Дар мавсими кор омад,
Наврӯз муборак бод!

***Нақарот:***
Наврӯз, Наврӯз,
Наврӯз муборак бод!

**2**

Ҳам зеби чаман — Наврӯз,
Ҳам зеби Ватан — Наврӯз,
Дар дашту даман — Наврӯз,
Наврӯз муборак бод!

***Нақарот:***
Наврӯз, Наврӯз,
Наврӯз муборак бод!

Суруди «Наврӯз» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ ва сози ***ми минор*** бо суръати муътаъдил эҷод шудааст. Месазад, ки пеш аз ба намоиш ва омӯзиши суруд шурӯъ намудан оид ба омадани зеботарин фасли сол — баҳори оламафрӯз ва иди суннатии мардуми тоҷик — Наврӯзи Аҷам ва ҷашнгирии ин ид суҳбати пурмазмун ороста шавад. Ин суруд хушҳолона, идона ва бо як самимияти хос нисбат ба табиат ва зебогии диёри азиз иҷро карда мешавад.

Сурудро бо ҳамовозии хор бо яккахон иҷро намудан лозим аст. Диапазони суруд васеъ нест (аз нотаи ***ми***-и октаваи 1 то ***си***-и октаваи 1), ки ин барои омӯзонидан ва иҷрои он аз ҷониби синфҳои 3-юм ба мақсад мувофиқ аст.

Қисматҳои андак мушкили суруд баъд аз яккахон ҳамроҳ шудани хор (тақтеи 3–7), сароидани ҳиҷоҳои «ля-ля» мебошад, яъне кӯшиш намудан лозим аст, ки сарояндагони хор ҳар сари вақт нафас гирифта, аз суръати пешниҳодшудаи асар қафо намонанд. Барои ба мақсад расидан, ин қисматҳоро якчанд маротиба такрор кардан зарур аст.




Қисмати дигари суруд, ки ҳангоми иҷрои он ба мушкилӣ дучор омадан мумкин аст, қисмати хотимавии асар мебошад. Ҳангоми сароидани ҳиҷоҳои «Наврӯз», «Наврӯз» аз нотаи ***ми*** ҷаҳиш ба нотаи ***си*** сурат гирифта, бо истифода аз нотаи чорякии нуқтадор бо ҳаштякии бо камон (лига) пайвастшуда ва баъди он ҳиҷои оянда бо пештақтеъ сар мешавад.




Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки нафасро дуруст ва сари вақт гирифта, сароидан (мадид)-и овозҳоро пурра риоя кунед. Аслан, суруд дар маҷмӯъ хушҳолона, ҳаётдӯстона ва зиндадилона иҷро карда мешавад.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

Маърифат оид ба характери асарҳои мусиқӣ: хушҳолӣ, ғамгинӣ, тантанавӣ, лирикӣ ва ғайра дар мисоли лаҳнҳои мажорӣ ва минорӣ.




## МАШҚИ ОВОЗ






## Савол ва супоришҳои санҷишӣ

1. Муаллифони матн ва оҳанги суруди «Наврӯз»-ро номбар кунед.

2. Дар бораи иди Наврӯз ва ҷашнгирии он маълумот диҳед.

3. Сурудҳои ғамангез аз сурудҳои хурсандиовар чӣ фарқ доранд?

4. Дар бораи аломати лига маълумот диҳед.

5. Мафҳумҳои **«мажор»** ва **«минор»**-ро шарҳ диҳед.

6. Созҳои мусиқии дар расм бударо номбар кунед.







## СУРУДРО АЗЁД КУНЕД

# БОРОНАК

*Шеъри Ҷ. Ҳошимӣ*

*Мусиқии Қ. Яҳёев*



1

Чак-чак борон меборад,
Моро шодон медорад.
Оби борон роҳатбахш,
Савти борон мефорад.

Нақарот:
Чак-чак, чак-чак,
чак-чак, чак.
Чак-чак, чак-чак,
чак-чак, чак.

2

Тоза шӯяд гулҳоро,
Боғу дашту саҳроро.
Борон равшан гардонад,
Табъу дилҳои моро.

Нақарот:
Чак-чак, чак-чак,
чак-чак, чак.
Чак-чак, чак-чак,
чак-чак, чак.

Пеш аз омӯзиши суруд суҳбатро оид ба баҳори нозанин давом дода, зебогии табиатро дар ин фасли кишту кор васф намоед. Дар мавриди боронаки баҳорӣ, тоза шудани ҳаво баъди борон, нафъи борони баҳорӣ ба кишту кори марди деҳқон ва умуман тасаввуроти шумо ҷиҳати вобастагии ҳама набототу ҳайвоноти тамоми дунё ба борон низ маълумот додан мувофиқи мақсад аст.

Оҳанги суруд форам садо дода, матнаш содаву фаҳмо мебошад. Матн ва мусиқӣ бо ҳам ҳамоҳанг мебошанд, яъне ҳам шеър ва ҳам мусиқӣ хусусияти сурудро пурра таҷассум мекунанд. Ҳангоми омӯзиш кӯшиш намудан лозим аст, ки талаффуз мулоим садо дода, овозҳои сарояндагӣ равшан ва хушоҳанг бошанд. Инчунин ҳангоми сароидани қисмати хотимавии суруд (ҳиҷоҳои «чак-чак») ба тозагӣ ва мулоимии садо диққат бояд дод. Чунки ҳангоми бо ҳиссиёт сароидани ҳамсадоҳои «ч» ва «ш» суруд гӯшхарош ва дағал садо медиҳад.



Умуман, гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши суруд қариб душворӣ надорад. Иҷроиши ба мақсад мувофиқи суруд ба бодиққат ва тозаву бехато сароидани ҳар яки шумо вобаста аст, чунки шумо ин сурудро аз тариқи телевизион ва радио борҳо гӯш карда, хуш қабул намудаед ва зарур аст, ки онро бо майл ва рағбати том сароед.

## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

Мустаҳкам намудани донишҳои маърифати мусиқӣ аз дарсҳои гузашта.

## МАШҚИ ОВОЗ




### Савол ва супоришҳои такрорӣ

1. Дар бораи муаллифони матн ва оҳанги суруди «Боронак» маълумот диҳед.
2. Суръати мусиқӣ чист?
3. Суръатҳо чанд намуд мешаванд?
4. Тарзи навишти суръатҳо ва ҷойгиршавии онҳоро дар нотагоҳ шарҳ диҳед.
5. Мафҳуми **Allegro** (аломати аллегро) чиро ифода мекунад?
6. Сурудҳои маршии медонистагиатонро сароида, мавзун қадам занед.
7. Пауза (тавақуф) чист?

# КАБӮТАРИ МАН

*Шеъри У. Раҷаб*

*Мусиқии Т. Сатторов*





1

Болу парат кушо биё,
кабутари ман.
Нишин ба рӯйи боми мо
кабутари ман.

Нақарот:
Биё, ки сила мекунам
болу паратро.
Биё, биё, ки мебарам
туро ба ҳар ҷо.

2

Биё, биё, ки мениҳам
лона бароят.
Биё, биё, ки медиҳам
дона бароят.

Нақарот:
Биё, ки сила мекунам
болу паратро.
Биё, биё, ки мебарам
туро ба ҳар ҷо.

Пеш аз омӯзиши суруд оид ба мазмун ва мундариҷаи суруд ва кабӯтар, ки рамзи сулҳу дӯстӣ ва ҳамбастагии тамоми мардуми олам мебошад, фикратонро баён намоед.

Суруд дар андозаи дучорякӣ эҷод шудааст. Матн ва оҳанги суруд бо ҳам мувофиқ буда, мазмуни асосӣ ва хусусияти онро ба пуррагӣ таҷассум мекунад.

Суруд хушҳолона иҷро карда мешавад. Ҳаракатҳои овозии оҳанг (пасту баландшавӣ) аслан аз нотаҳои ҳаштякӣ (♪) ва чорякӣ (♩) иборат буда, пайиҳам, мунтазам ва бомаром аст, ки омӯзиши сурудро осон мегардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши суруд мушкилие нахоҳад дошт. Танҳо ҳангоми сароидани мисраи аввали суруд (такроран – 2 маротиба) дар ҳаҷми ду тақтеъ навозиши оҳанг меравад (бе сурудхонӣ). Бинобар ин ҳаракат кардан лозим аст, ки ҳамин қисматро дуруст, тоза ва бехато сароед, яъне сари вақт овозро канда ва мувофиқи нишондоди омӯзгор оғоз намоед.






Талаффузи дурусти ҳиҷоҳо ва сари вақт нафас гирифтан ба омӯзиши мақсадноки суруд мусоидат мекунад.

**Ребус:**




## МАЪРИФАТИ МУСИҚӢ

Такрори донишҳои маърифати мусиқӣ дар синфи 3-юм.

## МАШҚИ ОВОЗ

## Ту-ту-ту-ту, мур-ғони ман!

*Шеъри А. Қодирӣ*

*Мусиқии Ҷ. Охунов*






# Фозил Солиев
# (1914-1976)



Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон, композитори маъруф ва шинохтаи тоҷик Фозил Солиев барои ривоҷу равнақи санъат ва мусиқӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодии ҷумҳурӣ хидматҳои шоён кардааст.

Ф. Солиев баъд аз хатми техникуми мусиқии шаҳри Ленинобод (ҳоло — ш. Хуҷанд) соли 1931 дар ҳайати яке аз аввалин оркестри касбӣ, ки дар назди Театри мусиқии ба номи А. Лоҳутӣ (ҳоло Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ) ташкил ёфта буд, ба ҳайси навозанда ба кор даромада, дар оянда дирижёри оркестри номбурда шуда кор кард ва барои баланд бардоштану инкишоф додани фаъолияти касбии иҷрокунандагии ҳамон давра кӯшиш ва ғайрати зиёде ба харҷ дода буд.

Ф. Солиев соли 1940 бо чанде аз композиторони ҷавон дар барпо намудани Иттифоқи композиторони Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Баъди чанде ӯ ҳамчун композитори ҷавону болаёқат шуҳрат пайдо кард. Сурудҳои ҳамон вақт эҷод намудаи устод «Мепарварам» (шеъри А. Шукӯҳӣ), «Меҳнат ва муҳаббат» бар матни М. Аминзода, «Нигорам ояд», «Бихандад лола», «Душанбеи мо» ва ғайра, ки бо мусиқии халқӣ наздик ва аз он сарчашма гирифта буданд, аз ҷониби шунавандагон хуб пазируфта шуданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ф. Солиев якчанд суруд эҷод кардааст,ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Масалан

суруди «Қалъаи оҳанин» бар матни М. Аминзода, ки ба шаҳри қаҳрамон – Сталинград бахшида шудааст, дар эҷодиёти ӯ ҷойи намоёнро ишғол мекунад.

Соли 1947 Ф. Солиев ба шуъбаи миллии Консерваторияи шаҳри Маскав дохил шуда, барои сайқал додану баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва бештару хубтар аз худ намудану фаҳмидани олами бою рангини санъати мусиқии касбӣ қадаме ба пеш мегузорад. Натиҷаи ҳамин ҷаҳду кӯшишҳо буд, ки Ф. Солиев соли 1946 якумин рапсодия (асари мусиқии созӣ ё овозие, ки бадоҳатан ва озодона дар мавзӯи оҳангҳои халқӣ эҷод шудааст)-и тоҷикиро эҷод намуд, ки то ҳозир ин рапсодия дар толорҳои консертии ҷумҳурӣ садо медиҳад. Солҳои минбаъда ӯ барои офаридани асарҳои симфонӣ кӯшиш ба харҷ додааст. Якчанд асарҳои офаридааш бо ҳамкории композиторони маъруф Я. Сабзанов, М. Светаев, М. Тер-Осипов гувоҳи ин гуфтаҳост.

Ф. Солиев ба театр низ ҳамкории зич дошт. Ба 32 намоишномаҳои театрӣ, аз қабили «Тӯй»-и С. Ғанӣ, «Ҳаёт ва муҳаббат»-и Ф. Ансорӣ, «Орзу»-и М. Назаров ва ғайра мусиқӣ эҷод намудааст.

Солҳои сол ба сифати дирижёри оркестри асбобҳои халқӣ меҳнату фаъолияти эҷодӣ намудааст. Барои омӯзишу аз худ намудани мусиқии фолклории мардуми Бадахшон хизмати шоён кардааст.

Аъзои Иттифоқи композиторони Тоҷикистон, дорандаи якчанд ордену медалҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон мебошад. Ф. Солиев ҳамчун оҳангсози барҷаста ва яке аз намояндагони маъруфи мусиқии касбӣ дар дилу дидаҳо ҷовидон боқӣ хоҳад монд.

# МЕПАРВАРАМ

*Шеъри А. Шукӯҳӣ* *Мусиқии Ф. Солиев*




ҳа!). Сар-ви ка - дат-ро ба бо - ғи дил-ку-
Аз ту мам - нун-тар ша-вад пай-вас-та
шо ме-пар-ва-рам. Сар-ви қа - дат-ро ба
қал - - би хур-ра-мам. Аз ту мам - нун-тар ша-
бо - - - ғи дил - ку - шо ме - пар - ва -
вад пай - вас - та қал - - - - би хур - ра -
1.
2.
рам.
мам. мам.



**Савол ва супоришҳои санҷишӣ**

1. Муаллифони матн ва оҳанги суруди «Кабӯтари ман»-ро номбар кунед.

2. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти композитор Ф. Солиев нақл кунед.

3. Донишҳои аз маърифати мусиқӣ дар давоми сол омӯхтаатонро ба ёд оред.

4. Созҳои мусиқии зеринро номбар кунед.





# ДАРСИ АРЗЁБӢ. ҶАМЪБАСТИ НИМСОЛАИ II ВА СОЛИ ТАҲСИЛ

## Дарс-консерт

1. «Боронак». Шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Қ. Яҳёев.
2. «Кабӯтари ман». Шеъри У. Раҷаб, мусиқии Т. Сатторов.
3. «Наврӯз». Шеъри Н. Ҷӯрахонзода, мусиқии Ҷ. Обидпур.
4. «Модар». Шеъри А. Қодирӣ, мусиқии Т. Айюбов.

ЗАМИМА

# БУЛБУЛАКОНИ ВАТАН

*Шеъри А. Ҳаким* *Мусиқии П. Соҳибова*



1

Дӯстнавозӣ кунем,
Хандаю бозӣ кунем.
Халқу Ватанро зи худ
Хурраму розӣ кунем.

**Нақарот:**
Ҷон ба раҳаш мениҳем,
Дил ба Ватан медиҳем.

2

Баҳри туву баҳри ман,
Кишвари мо чун чаман.
Нағмасаро мо ҳама,
Булбулакони Ватан.

**Нақарот:**
Ҷон ба раҳаш мениҳем,
Дил ба Ватан медиҳем.

Ҳангоми суҳбат пеш аз омӯзонидани суруд, омӯзгор бо шумо дар бораи мазмун ва мундариҷаи суруд, яъне дӯст доштани Ватани ҷоноҷонамон – Тоҷикистони азиз ва ҳаёти хушбахтонаи айёми мактабӣ нақл мекунад.

Суруд хушҳолона ва ҳаётдӯстона иҷро карда мешавад. Суръаташ муътадил, андозааш шаш-ҳаштякӣ. Диапазони суруд то нотаи ***ре***-и октаваи дуюм садо медиҳад. Дар вақти омӯзиши суруд дар мисраи аввал ва дувуми он (тақтеъҳои 1, 2, 3 ва 4-ум) ба сароидани нотаҳои чорякии нуқтадор ( ♩ ) ва баъд баръакс ҳаштякӣ ва баъдан чорякӣ диққати махсус додан даркор аст. Чунки сароидани чунин пайдарҳамии нотаҳо ба хонандагони синфи 3-юм мушкилӣ дорад.




Пеш аз нақарот навозиши оҳанг дар ҳаҷми чор тақтеъ меравад. Бинобар ин кӯшиш намудан лозим аст, ки якҷоя (дастаҷамъона) дар як вақт баробар сурудро қатъ карда, (баъди навозиши оҳанг) сароидани нақаротро сари вақт оғоз намоед ва ба аломати бекар ( ♮ ), ки дар тақтеи 2-юми авҷ омадаст, диққат диҳед.




Хуллас, вақти омӯзиш ҳамин мушкилиро паси сар намуда, ба мақсад ноил шудан мумкин мегардад.



# МОДАРҶОНАМ-МОДАРҶОН

*Шеъри Ҷ. Ҳошимӣ*

*Мусиқии А. Тошматов*



**1**

**Роҳату ороми мо,**
**Пухтагари хоми мо,**
**Хуш зиҳӣ бо номи мо,**
**Модарҷонам, модарҷон.**

**2**

**Накӯтарини олам,**
**Дилҷӯтарини олам,**
**Хушрӯтарини олам,**
**Модарҷонам, модарҷон.**

Пеш аз шурӯъ намудани омӯзиши суруд якҷоя бо омӯзгор оростани суҳбат дар бораи Модар – сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёт, меҳру муҳаббати бепоёни фарзанд нисбат ба модар тавсия дода мешавад. Метавонем ин сурудро дар чорабиниҳои бахшида ба ҷашнгирии иди модарон – Рӯзи Модар аз худ намуда, сароем. Суруд дар андозаи ду-чорякӣ эҷод шуда, бо суръати «муътадил» иҷро карда мешавад. Суруд бо гурӯҳбандии нотаҳои ҳаштяк, чоряк ва баъзан нисфӣ, бо пайдарҳамии сода банду баст шудааст, ки ин барои сароидан мувофиқ ва осон аст. Фақат дар баъзе аз тақтеъҳои суруд аҳён-аҳён ба мушкилӣ дучор омадан мумкин аст. Мисол, баъди якчанд тақтеъ дар ҳаҷми як тақтеъ мусиқӣ (навозиш) садо медиҳад.




Бинобар ин ба мадиди овозии нотаи нимпурра, сари вақт сароидани тақтеъҳои минбаъдаи суруд диққати зарурӣ додан лозим аст. Ҳамчунин ба тақтеи 11 ва 12-ум ба сароидани мадиди якчанд нотаҳое, ки дар ҳиҷои «мо» бо хатти камон пайваст шудаанд, аҳамият додан лозим аст.




Хуллас, лафзи суруд сода ва хотирмон буда, ба тезӣ аз ёд мешавад.

# БОБОМ КУЛОЛГАР

*Шеъри Г. Келдӣ* *Мусиқии Ҷ. Обидпур*






1

Номи бобом Камол аст,
Худи бобом кулол аст.
Ҳар панҷаи ӯ ҳунар,
Мислаш наёбӣ дигар.

**Нақарот:**

Созад зи гил пиёла,
Хушранг мисли лола.
Кӯзааш кошинворӣ,
Чун манори бухорӣ,
(Номи бобом Камол аст,
Худи бобом кулол аст).

2

Кори бобом ҳалол аст.
Кулоли бемисол аст.
Дасташ гила гул кунад,
Дастаи сумбул кунад.

**Нақарот:**

Созад зи гил пиёла,
Хушранг мисли лола.
Кӯзааш кошинворӣ,
Чун манори бухорӣ,
(Номи бобом Камол аст,
Худи бобом кулол аст).

Шеър ба қалами шоири шинохта Гулназар Келдӣ тааллуқ дошта, мусиқиашро композитори машҳур ва маҳбуби бачагон Ҷӯрахон Обидпур эҷод кардааст.

Суруд аз ҳунар ва ҳунармандии бобои кулолгар, ки ҳар панҷааш ҳунар буда, ба созандагӣ машғул аст, нақл мекунад. Мазмуни суруд моро ба меҳнатдӯстӣ ва ҳунаромӯзиву ҳунармандӣ даъват мекунад.

*Ҳунаромӯз к-аз ҳунармандӣ,*
*Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.*

Қисматҳои андак мушкил ҳангоми омӯзиши суруд, ин аз худ намудани тақтеъҳои 2-юм ва 4-ум дар мисраи аввали суруд, сароидани нотаҳои ҳаштякӣ, чорякӣ ва чорякии нуқтадор мебошанд.




Инчунин дар тақтеи сеюми нақарот мадиди овозии калимаи «хушранг», ки баъди нотаи чорякӣ, ду нотаи ҳаштякии бо хатти камон пайвастшуда ва баъдан боз нотаи чорякӣ омадаанд, сароидани чунин пайиҳамии нотаҳо барои шумо каме мушкилӣ мекунад.




Бинобар ин барои рафъи ин мушкилӣ аввал такроран (якчанд маротиба) аз ҷониби худи омӯзгор ва баъд дар якҷоягӣ бо хонандагон сароидани суруд тавсия карда мешавад. Дар асл бошад, оҳанги суруд хеле хотирмон буда, бо шавқи баланд бояд аз худ ва иҷро карда шавад.



# ЧӮҶАҲО

*Шеъри Н. Тиллозода* *Мусиқии В. Абдураҳмонов*



1

Ту-ту-ту-ту ба ин ҷо,
Биёед, эй чӯҷаҳо.
Шуморо дон медиҳам,
Резаи нон медиҳам.

2

Натарсед аз ман шумо,
Наларзед аз ман шумо,
Шуморо дон медиҳам,
Резаи нон медиҳам.

Суруд барои ба олами наботот ва парандагон боз ҳам наздиктар шинос шудан ва дӯст доштани он мусоидат мекунад.

Омӯзиши суруд ба шумо барои тарбия намудану расидан ба мақсадҳои дар пешгузошташуда, яъне тоза сароидани суруд, талаффузи равон ва буррои ҳиҷоҳо мусоидат мекунад.

Диапазони суруд чандон калон нест. Он аз нотаи ***ре***-и октаваи якум то нотаи ***си***-и октаваи якум буда, барои омӯхтану сароидани суруд мувофиқ мебошад.




Ҳаракатҳои якмароми (ба боло ё ба поён) оҳанг, овозхонии дуруст ва тозаро таъмин менамояд. Ба қисматҳои кӯтоҳ тақсим шудани оҳанги суруд барои оромона, наканда сароидани ҳиҷоҳо ва то охири банди суруд сарфакорона тақсим намудани нафас мусоидат мекунад.




Мазмун ва мундариҷаи суруд имконият медиҳад, ки суруд дар якҷоягии яккахон ва хор эҷодкорона иҷро карда шавад.

Суруд хушҳолона, хушоҳанг, як дараҷа шӯхиомез ва бо завқ сароида мешавад.



# МУАЛЛИМИ МО

*Шеъри Л. Кенҷаева*

*Мусиқии Қ. Ҳикматов*






1

Эй махзани меҳр,
Эй кони ҳикмат
Ҳар рӯзи умрат
Дарси ҳақиқат.

**Нақарот:**
Муаллими мо!
Муаллими мо!

2

Роҳи ҳаётат
Шоҳроҳи некист
Даргоҳи умрат
Даргоҳи некист.

**Нақарот:**
Муаллими мо!
Муаллими мо!

Шеъри «Муаллими мо» ба қалами шоираи шинохтаи тоҷик Латофат Кенҷаева тааллуқ дошта, оҳангашро композитори шинохта, Қудратулло Ҳикматов эҷод намудааст.

Мазмун ва мундариҷаи сухан бо оҳанг пурра мувофиқ аст, яъне ҳам шеър ва ҳам оҳанг хусусияти хоси ин сурудро инъикос мекунанд. Суруд меҳру муҳаббати беандозаи шогирдро нисбат ба устод-муаллим таҷассум намуда, намунаи ҳақиқатҷӯй ва ибрат будани вайро ифода мекунад.

Диапазони суруд калон нест. Аз нотаи ***«до»***-и октаваи якум то нотаи «**си**»-и октаваи якум садо медиҳад.




Дар вақти омӯзиш ба дуруст (тоза ва мулоим) сароидани тақтеи шашуми суруд, ки овоз дар ҳаҷми як тақтеъ бо нотаҳои чорякӣ ва ду нотаи ҳаштякӣ, ки бо хатти камон пайваст шудааст, диққат додан лозим аст.




Дар нақароти суруд овозхонии дуовоза пешкаш шудааст, ки сароидани ин порча албатта мушкилӣ дорад.




Лекин ҳаминро низ қайд кардан лозим меояд, ки сароидани дуовозаҳои ба монанди ин фосила (яъне терсия) қулай буда, барои иҷроиши хуб дастрас мебошад.

Вақти омӯзиш ҳаддалимкон ба гурӯҳҳо (овозҳои 1 ва 2) тақсим шуда, алоҳида-алоҳида ва баъдан дар якҷоягӣ сароидан мувофиқи мақсад хоҳад буд (дар сурати кифоя набудани қобилияти сарояндагии синф, сароидани овози асосии оҳанг (овози болоӣ) тавсия дода мешавад).

Суръати суруд муътадил буда, оромона ва бо муҳаббат сароида мешавад.



# ЗЕБО ДУШАНБЕ

*Шеъри М. Ҳайдаршо* *Мусиқии Н. Бобокалонова*



1

Овозаи Шарқ,
Дарвозаи Шарқ,
Барно Душанбе,
Эй қалби кишвар.
Эй меҳри ховар
Зебо Душанбе } **2 - бор**

2

Шаҳри Гулобод,
Нури дили мо,
Умри ту ҳаштод,
Меҳри дили мо.
Зебо Душанбе
Воло Душанбе } **2 - бор**

3

Шаҳри дилафрӯз,
Шаҳри ҷавонӣ.
Бо ҳар шабу рӯз
Партавфишонӣ.
Зебо Душанбе
Эҳё Душанбе } **2 - бор**

Пеш аз омӯзиши суруд дар бораи диёри офтобиамон – Тоҷикистон, дастовардҳои давраи истиқлол ва кӯшишҳои фарзандони барӯманди тоҷик баҳри рӯз аз рӯз сарсабзу хуррам ва ободтар гаштани пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе суҳбат оростан мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Суръати суруд мўътадил буда, бояд оромона ва бидуни саросемагӣ иҷро карда шавад. Диапазони суруд аз нотаи «**ре**»-и октаваи якум то «**ре**» – октаваи дуюм садо медиҳад.



**Ре$_1$** **Ре$_2$**

Дар навбати аввал бо ёрии омӯзгор оҳангро дар алоҳидагӣ якчанд маротиба гӯш карда, баъд бо матни суруд ба сароидан ва омӯзиши он оғоз намудан мувофиқи мақсад аст. Мавриди омӯзиш ба саршавии қисмати аввал, тақтеъҳои якум ва дуюм диққат додан лозим аст, чунки баъд аз тақтеи якум сароидани нотаҳои чорякӣ, дар тақтеи дуюм нотаҳои ҳаштякӣ, ду шонздаҳякӣ ва як нотаи чорякӣ меояд, ки ин як дараҷа мушкилиро пеш меорад. Бинобар ин ду тақтеъро якчанд маротиба такрор ба такрор омӯхтан зарур аст. Ин амалро дар тақтеи шашум низ гузаронидан лозим аст.

1)



2)



Мушкилоти дигар дар мисраи «Эй меҳри ховар», дар тақеи чордаҳум ва понздаҳуми суруд дар калимаи «ховар», дар мадиди овозии ҳиҷои «вар», ки якчанд нотаҳои чорякӣ ва ҳаштякӣ бо хатти камон ба ҳам пайваст мешаванд, дучор меояд.




Талаффузи бурро ва возеҳи матнро низ бояд дар назар дошт: «Овозаи Шарқ», «Шаҳри Гулобод», «Дарвозаи Шарқ» ё ки «Умри ту ҳаштод» ва ғайра.

# Мундарича

Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................... 3

Сарсухан ............................................................. 4

«Мактаби мо» ....................................................... 7
*шеъри Н. Розиқ, мусиқии А. Меликов*

«Ҳарфе, ки мо мехонем» ........................................ 11
*шеъри Г. Келдӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур*

«Муаллим» ........................................................... 15
*шеъри М. Мирзоев, мусиқии Н. Бобокалонова*

«Пурсишҳо» ......................................................... 20
*шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Ҷ.Обидпур*

Композитор Ҷ. Обидпур ......................................... 22

«Чароғаки раҳнамо» ............................................. 24
*шеъри А. Бобоҷон, мусиқии Ш. Шарифов*

«Офтобаки зарринрӯ» ........................................... 29
*шеъри Н. Розиқ, мусиқии Ҷ. Рустамова*

Дарси арзёбӣ. Ҷамъбасти нимсолаи I. Дарс-консерт ........... 33

«Пойга» ............................................................... 34
*шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур*

«Праздник» .......................................................... 37
*шеъри О. Высотский, мусиқии М. Иорданский*

«Модар» .............................................................. 41
*шеъри А. Қодирӣ, мусиқии Т. Айюбов*

«Наврӯз» ............................................................. 45
*шеъри Н. Ҷӯрахонзода, мусиқии Ҷ. Обидпур*

«Боронак» ........................................................................ 50
*шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Қ. Яҳёев*

«Кабӯтари ман» ................................................................ 53
*шеъри У. Раҷаб, мусиқии Т. Сатторов*

Композитор Фозил Солиев .............................................. 56

Мусиқӣ мешунавем. «Мепарварам» ................................. 58
*шеъри А. Шукӯҳӣ, мусиқии Ф. Солиев*

Дарси арзёбӣ. Ҷамъбасти нимсолаи II
ва соли таҳсил. Дарс-консерт ......................................... 60

**ЗАМИМА:**
«Булбулакони Ватан» ....................................................... 61
*шеъри А. Ҳаким, мусиқии П. Соҳибова*

«Модарҷонам, модарҷон» ................................................ 64
*шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии А. Тошматов*

«Бобом кулолгар» ............................................................ 66
*шеъри Г. Келдӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур*

«Чӯҷаҳо» ........................................................................... 69
*шеъри Н. Тиллозода, мусиқии В. Абдураҳмонов*

«Муаллими мо» ................................................................ 72
*шеъри Л. Кенҷаева, мусиқии Қ. Ҳикматов*

«Зебо Душанбе» .............................................................. 75
*шеъри М. Ҳайдаршо, мусиқии Н. Бобокалонова*

Сафари Гулназар

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

*Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*

**Нашри сеюм**

| | |
|---|---|
| Муҳаррири мусиқӣ: | профессор Ҷ. Обидпур |
| Муҳаррири адабӣ: | С. Абдуллоева |
| Муқарризон: | профессор К. Ҳалимов, профессор Ш. Ҳабибов, омӯзгор Ш. Шарифов |
| Дизайн ва оройиш: | Ф. Мирзоев, В. Казберович |
| Саҳифабанд: | И. Зокиров |
| Чопи компютерӣ: | С. Зокирова |

Ба чоп 11.03.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи коғаз 70×90/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Pragmatica.
Ҳаҷм 5 ҷузъи чопии аслӣ. Адади нашр 150 000.

Дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
E-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj